# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ҚАРОР

Дар бораи манъи воридоти равғани нахл ба Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи моддаи 14 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Воридоти ҳамаи намудҳои равғани нахл ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба истисноi воридоти он ҳамчун ашёи хом барои коркарди саноатӣ ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, манъ карда шавад.

2. Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои талаботи қарори мазкурро таъмин намояд.

3. Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- якҷо бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми воридот ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ҳатмӣ тадқиқоти лаборатории равған ва маҳсулоти дигари хӯрокворӣеро, ки дар таркиби он эҳтимолияти истифодаи равғани нахл вуҷуд дорад, гузаронад;

- якҷо бо вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муддати ду моҳ ҳуҷҷатҳои меъёрии техникиро оид ба маҳсулоти хӯрокворӣе, ки дар истеҳсоли он истифодаи равғани нахл пешбинӣ гардидааст, ба талаботи қарори мазкур мутобиқ намояд.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Эмомалӣ Раҳмон

аз 1 майи соли 2020 № 260

ш. Душанбе